# ИНДЕКСИ УСТУВОРИИ СОЗМОНҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ (СҶШ) БАРОИ СОЛИ 2014 - ТОҶИКИСТОН




## ИНДЕКСИ УСТУВОРИИ СҶШ: 4.8




Дар Тоҷикистон бо вуҷуди бадтар шудани фазои дифоӣ ва ҳифзи манфиатҳои СҶШ дар соли 2014, устувории умумии фаъолияти СҶШ тағйирнопазир мондааст. Бинобар бӯҳрони сиёсии дар Украина ба миён омада, мақомотҳои тоҷик ҷамъомадҳои ҷамъиятиро маҳдуд кардаанд, ки шаҳодати шубҳаи онҳо нисбат ба ҳамкории кишварҳои Ғарб бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Моҳи майи соли 2014, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон намоиши оммавии зидди ҳукуматӣ, ки бо

даргириҳо, аз истифодаи силоҳ, миёни мақомотҳои қудратӣ ва қочоқчиёни моводи мухаддир ба вуқӯъ пайваст ва дар натиҷа бо фавтидани чор нафар анҷом ёфт. Намоише, ки баъзе нишонаҳои қонунвайронкуниро дошт, пас аз чанд рӯзи гуфтушунид миёни фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти иҷроияи давлатӣ, бо розигии тарафҳо дар хусуси зарурати гузаронидани тафтишоти куштрорҳо, ба анҷом расид.

Фазои ҳуқуқӣ барои СҶШ мушкил боқӣ мемонад. Монеаҳои бюрократии дар раванди бақайдгирӣ мавҷудбуда, номгӯи ҳуҷҷатҳои зиёдро дархост карда, шумораи зиёди ташрифҳоро ба идораи Вазорати адлия талаб мекунад. Бинобар интихоботҳои парлумонии моҳи феврали соли 2015, фишори давлатӣ ба созмонҳое, ки бевосита аз тарафи ташкилотҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мешуданд, зиёдтар шуд. Дар оғози моҳи ноябр, лоиҳаи қонун ба тасвиб расид, ки мувофиқи он созмонҳои ҷамъиятӣ маҷбуранд пеш аз гирифтани грант аз донорони хориҷӣ, иҷозати ҳукуматро бигиранд. Мавриди зикр аст, ки қонуни мазкур бе иштироки СҶШ таҳия шуд. Моҳи июни соли 2014, қарордод дар бораи ҳамоҳангнамоии ҷамъомадҳо аз тарафи ҳукумат қабул шуд, ки тибқи он тамоми ҷамъомадҳои СҶШ-и маҳаллӣ ва байналмилалие, ки бо маблағгузории хориҷӣ ташкил карда мешаванд, ба таври ҳатмӣ, бояд Вазорати корҳои хориҷиро хабардор кунанд. Инчунин имкониятҳои молиявии СҶШ начандон хубанд, ва набудани маблағгузории мунтазам таҳияи стратегияи фаъолияти СҶШ барои мӯҳлати тӯлониро низ имконнопазир мекунад.

Огоҳии ҷамъиятӣ оид ба фаъолияти СҶШ дар сатҳи паст қарор дорад. Бинобар фишори дар давоми соли 2014 зиёдшуда, СҶШ аз паҳн кардани моводи чопӣ дар бораи фаъолияташон чандон манфиатдор набуданд. Гурӯҳҳои бархӯрдори ёрии СҶШ дар бораи фаъолияти онҳо огоҳанд, вале ҷамъият дар умум ба таври васеъ аз фаъолияти онҳо ноогоҳ аст.

Ҳаштод фоизи СҶШ дар Тоҷикистон ҳамчун иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд. Мутобиқи маълумоти Вазорати адлия, ки ҳамчун мақомоти бақайдгирандаи марказии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ боқӣ мемонад, то моҳи октябри соли 2014, 2788 иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда буд. Дар давоми соли 2014 133 иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса бо нишондиҳандаи соли 2013, ки поёнравии 50 фоиза мушоҳида шуда буд, беҳтар аст. Аз миёни тамоми СҶШ бақайдгирифташуда, тахминан 1000-тои он фаъол ҳисобида шуда метавонад. Тибқи, Барномаи Шабакаи Рушди Оғохон доир ба Дастгирии Рушди Ҷомеаҳои Кӯҳӣ (MSDSP), шумораи ташкилотҳои дар сатҳи деҳоту маҳалла барпошуда ҳамасола афзоиш меёбад. То охири соли 2014, зиёда за 1623 мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ (PSIB), ки инчунин ба номи Шӯрои маҳалла ё Ташкилоти деҳотӣ маъруфанд, аз қайди расмӣ гузаштаанд; 105 Иттифоқи иҷтимоӣ барои рушди PSIB; зиёда аз 112 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об (WUAs); ва зиёда аз 2600 гурӯҳи хазинавии дар сатҳи ҷамоат таъсисёфта мавҷуданд, ки аз ҷониби Фонди Рушди Оғохон (AKF) дар вилояти Хатлон, Суғд, Бадахшон ва водии Рашт дастгирӣ мешаванд.

## ФАЗОИ ҲУҚУҚӢ: 5.2



Дар соли 2014 фазои ҳуқуқие, ки фаъолияти СҶШ-ро танзим мекунад, бадтар шудааст ва ташаббуси давлат дар нимаи дуюми соли 2014 доир ба ворид кардани тағйироту иловаҳои маҳдудкунанда ба қонунгузорӣ, сабаби асосӣ маҳсуб меёбанд. Дар аввали моҳи июн, мақомотҳои ҳукуматӣ аз СҶШ байналмилалӣ ва миллие, ки аз ташкилотҳои хориҷӣ маблағ мегиранд, талаб намуд, то доир ба вохӯриҳои бо мансабдорони ҳукуматӣ ва чорабиниҳои худ Вазорати корҳои хориҷиро огоҳ намоянд. Моҳи ноябр, Вазорати адлия тағйироту иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" пешниҳод намуд, ки тибқи он назорат ва тафтишот сари СҶШ пурзӯртар гардад. Тағйироти аввалини пешниҳодшуда, ба Вазорати адлия ваколат медиҳад, то он тартиботи нави тафтишоти фаъолияти оинномавии СҶШ-ро таҳия намояд. СҶШ тарс аз он доранд, ки ин дигаргунӣ ба Вазорати адлия имкони васеътари дахолатро ба фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ фароҳам меоварад. Тибқи тағйироти дуюм, пешниҳод шудааст, то феҳристи тамоми барномаҳои грантӣ, лоиҳаҳо, ёрии гуманитарӣ ва дигар намуди дастгириҳое, ки созмонҳои ҷамъиятӣ аз донорони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқӣ гирифтаанд, таъсис дода шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҷбур мешаванд, ки аз мақомоти муттасаддии назорати феҳрист иҷозат гиранд. Дигаргунии зерин имкониятро барои таъхирҳои бюрократӣ ва фасод фароҳамтар мекунад. Илова ба ин, дар охири соли 2014, қонуни нав "Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, наимоишҳо ва роҳпаймоиҳо" ба тасвиб расид, ки танҳо пас аз қабулаш, дастрасӣ ҳамагон гашт.

Аксарияти СҶШ дар Тоҷикистон дар чорчӯбаи Қонуни ҶТ "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" дар назди Вазорати адлия ё шӯъбаҳои минтақавии он бақайд гирифта шудаанд. Муносибат байни Вазорати адлия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соли 2014 беҳтар шуд. Дар давоми сол, Вазорати адлия бо СҶШ ҳамкории наздикро ба роҳ монда, намунаи нави ҳисоботдиҳии солонаро паҳн намуд, ки шакли аввалаи он соли 2013 таҳия шуда буд. Бори аввал дар таърихи фаъолияташ, Вазорати адлия дар саросари ҷумҳурӣ семинару тренингҳо дар хусуси бақайдгирӣ ва тарзи дуруст пур кардани намунаҳои ҳисоботдиҳӣ гузаронид, ки ин аз ташабусси фаъолияти ошкороро пеш гирифтани Вазорат дарак медиҳад. Мувофиқи тағйироти дар соли 2014 ба Қонуни ҶТ "Дар бораи боҷи давлатӣ" воридшуда, арзиши бақайдгирӣ барои намояндагии ташкилотҳои ҷамъиятии байналмилалӣ (ки инчунин бояд дар Вазорати адлия бақайд гирифта шаванд) ва ташкилотҳои ҷамъиятии миллӣ, ки  мақоми хешро ба мақоми созмонҳои байналмилалӣ иваз карданианд, боло рафта, боҷи давлатӣ барои бақайдгириашон аз 400 сомонӣ ($80) то ба 4000 сомонӣ ($800) афзуд.

Иттиҳодияҳои касбии дар асоси аъзогӣ фаъолиятдошта, фондҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳо, кооперативҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ аз қайди давлатӣ дар чорчӯбаи Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" мегузаранд. Ташкилотҳои зерин аз рӯи қоида бояд тавассути низоми равзанаи ягона, дар назди шӯъбаҳои андози минтақаашон ба қайд гирифта шаванд. Аммо тӯли соли 2014 аксарияти онҳо, алалхусус онҳое, ки дар фаъолияти мавзӯҳои иҷтимоӣ ва ё ҳассоси сиёсӣ кор мекарданд, барои аз қайди давлатӣ гузаштан, ҳамчун иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба Вазорати адлия фиристода шуданд, ки ин танҳо мақсади назорати пурзӯр бар сари фаъолияти чунин ташкилотҳоро дорад. Ташкилотҳои маҳаллии ҷамъиятӣ, ки бештар ҳамчун Шӯрои маҳалла маъруфанд, дар чорчӯбаи Қонуни ҶТ "Дар бораи мақомотҳои худидораи ҷамъиятӣ" дар назди мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ба қайд гирифта мешаванд.

Сарфи назар ба далеле, ки тартиботи бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар рӯи қоғаз басо равост, маҷмӯи талаботҳои бюрократӣ ниҳоят шумораи зиёди ҳуҷҷатҳоро дархост карда, ташрифи зиёд ба Вазорати адлияро талаб менамояд. Дар аксари мавридҳо, иҷозат барои бақайдгирӣ, бинобар хатогиҳои ночиз дар ҳуҷҷатҳо рад мешавад ё аз муддати дар чорчӯбаи қонун муайяншудаи як моҳа, зиёдтар тӯл мекашад. Вазорати адлия аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ талаб мекунад, то рӯйхати тамоми минтақаҳое, ки ташкилот нияти фаъолият бурданро дорад ва номҳои нафарони ташкилотро дар минтақа намояндагӣ мекунанд, пешниҳод карда шавад, ҳоло он ки чунин талабот барои бақайдгирии

ташкилоти мақоми миллӣ дошта ва дар саросари мамлакат фаъолият карданист дар қонунгузорӣ мавҷуд нест.

Оинномаи СҶШ тартиб ва фаъолияти онро муайян мекунад. Мутобики Қонуни ҶТ "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ", ташкилот ҳатто агар тағйироти ночиз ба оинномааш ворид шавад, мисли ивазшавии суроғаи ҷойгиршавӣ, бояд аз нав, аз тартиботи бақайдгирӣ гузарад. Аксарияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҷбуранд идораи корбариашонро ба иҷора гиранд ва онҳоро зарур аст, ҳар вақте маскани худро иваз мекунанд ва аз тартиботи бақайдгирӣ боз гузаранд. Як миқдор ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ дар мобайни соли 2014 ҳуҷҷатҳои худро барои аз нав бақайдгирӣ пешниҳод намуданд, вале то охири соли 2014 ҳатто посухи расмиро нисбати ба қайд гирифта шудан ё нашуданашонро нагирифтанд.

Тартиботи барҳамдиҳии СҶШ боз ҳам мураккабтар буда, дар муқоиса бо раванди бақайдгирӣ, вақти бештарро талаб мекунад. СҶШ-ро зарур аст, барои исботи шаҳодати надоштани қарз дар назди мақомоту идораҳои давлатӣ ё бонкҳо, ҳуҷҷати зиёдеро пешниҳод кунанд. Тамоми раванд метавонад аз як то ду солро дар бар гирад.

Дар давоми қисми дуюми соли 2014 монеаҳои маъмурӣ ва тафтишот аз тарафи мақомоти давлатӣ нисбат ба фаъолияти созмонҳои шаҳрвандӣ ҳамчун ҷавоб ба бӯҳрони сиёсӣ дар Украина мушоҳида мешуд. Барои мисол, СҶШ дар вилояти Бадахшон зери тафтишоти васеъ қарор гирифтанд ва ҳатто барои ин кор кормандони кумитаи амнияти миллӣ ҷалб шуданд. Дар миқёси тамоми кишвар, Вазорати маориф иштироки донишҷӯёнро дар чорабиниҳое, ки аз тарафи СҶШ байналмилалӣ ва маҳаллӣ ташкил мешаванд, манъ кардааст. Иштироки онҳо танҳо пас аз гирифтани розигии Вазорати маориф имконпазир аст.

СҶШ ба таври мунтазам андозҳои дахлдор барои кирои коргарон пардохт мекунанд, лекин аз ҳаҷми грант андоз намесупоранд. СҶШ бояд 6% андози бо низоми соддакардашударо аз тамоми фаъолияти тиҷоратиашон пардохт намоянд ва ба ин хизматрасонии пулакӣ низ дохил аст.

Имкониятҳои хизматрасонии ҳуқуқӣ дар маҳаллҳо дар сатҳи паст ва нотавонӣ боқӣ мемонанд, аммо СҶШ дар пойтахт ва қариб ҳамаи марказҳои минтақавӣ хизматрасонии машваратҳои ҳуқуқиро ба роҳ мондаанд. Аксарияти СҶШ барои гирифтани маслиҳати ҳуқуқӣ ё маълумот Маркази байналмилалии ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ (ICNL)-ро тавсия мекунанд.

## ИМКОНИЯТҲОИ ТАШКИЛОТӢ: 4.5




Имкониятҳои ташкилотии созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соли 2014 қариб тағйир наёфтааст. Миқёс ва дастрасӣ ба сарчашмаҳои молии донорӣ таъсири калонро дар ҳаҷму таҳияи мӯҳтавои барномаҳои СҶШ маҳаллӣ мегузоранд.

Аксарияти СҶШ то ҳол кӯшиши аз паи ташкили гурӯҳҳои мизоҷону тарафдорони худ нашудаанд. СҶШ бештар бо гурӯҳҳое, ки аз мӯҳтавои лоиҳаҳо баҳра мегиранд кор мекунанд ва дар самти ҷалби

гурӯҳҳои васеътар фаъолият нишон намедиҳанд. Сабаби асосии ин мушкилӣ ё дар надидани зарурат ба чунин фаъолият аз тарафи худи СҶШ ва ё набудани иқтидори кофӣ барои анҷом додани ин кор шуда метавонад. Ташкилотҳои занона пешсафи фаъолият дар самти ташкили гурӯҳҳои тарафдорони фаъолияти худ ҳастанд. Барои мисол, Коалитсияи СҶШ занона бо занҳои сарвар ва фаъоли маҳал, аз ҷумла бо занони мансабдори маҳаллӣ ҳамкории наздикро ба роҳ мондаанд.

Норасоии маблағгузории устувор СҶШ барои таҳияи нақшаҳои дарозмуддати стратегӣ беумед мекунад. СҶШ ва нақшаҳои онҳо барои расидан ба натиҷаҳои кӯтоҳмуддат бештар равона карда шудаанд ва барои рушди имкониятҳои ташкилоти худ танҳо манбаҳои ночизеро, агар чунин манбаҳо умуман вуҷуд дошта бошанд, равона мекунанд.

Танҳо СҶШ бузург имкон доранд аз хизматгузории кормандони касбӣ истифода кунанд. СҶШ нисбатан хурд одатан дар масъалаи ихтисоснокии ҳайати корӣ, бо муассисаҳои ҳукуматӣ ва баъзан бо ширкатҳои хусусӣ рақобат карда наметавонанд. Ҳангоми ҷалби ҳайати корӣ СҶШ бештар ба ниёзи лоиҳа аҳамият дода, тибқи талаботҳои лоиҳа мутахассисонро ба кор ҷалб мекунад ва аз хизмати онҳо истифода мебаранд. Барои ба таври мунтазам нигоҳ доштани мутахассисон СҶШ маблағгузории устувор надоранд.

Аксари СҶШ-и миёнаву калон, тибқи оинномаашон шӯрои директорон ё раёсат доранд, аммо чунин шӯро ё нақши номиналӣ дорад ё узви он чун ҳайати корӣ дар фаъолияти ташкилот иштирок мекунанд. Танҳо иттиҳодияҳои касбии аъзодор, бизнес ассотсиатсияҳо, коалитсияҳо ва шабакаҳо шакли устувори тақсимоти ваколатҳо байни шӯрои директорон ва кормандонро соҳибанд. Лекин фаъолияти шӯрои директорон на ҳама вақт, то дараҷае шаффоф аст, ки саҳмгузорон тавонанд сарфи дурусти маблағҳоро бисанҷанд.

Аксари созмонҳои ҷавонӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ барои ташкили фаъолияташон истифода мекунанд. Чунин ташкилотҳо сохтори озод дошта, бештар ба ихтиёрон такя мекунанд ва ба масъалаҳои мушаххас таваҷҷуҳ мекунанд. Чунин ташкилотҳо фаъолияташонро ба мӯҳлати дуру дароз ба нақша намегиранд ё инро барои фаъолияти худ масъалаи афзалиятнок намеҳисобанд.

Маҳдудиятҳои маблағгузории донорӣ имкон намедиҳад то СҶШ таҷҳизоти нав харанд ва ҳамин тариқ аксарияти СҶШ таҷҳизоти барои фаъолияташон заруриро доро ҳастанд. Сифат ва суръати интернет дар шаҳрҳо хуб аст, аммо дар минтақаҳо, ки то ҳол қатъшавии қувваи барқ ба назар мерасад, дар сатҳи паст қарор дорад. Бештар СҶШ аз интернети мобилӣ истифода мекунад, то бо ҳамдигар ва ҷаҳон доимо дар тамос бошанд.

## ИМКОНИЯТҲОИ МОЛИЯВӢ: 5.6




Қобилияти молиявӣ монеаи асосии рушди СҶШ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад. Бештари сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти СҶШ-ро — тахминан 90 фоизашро — донорҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд, аз он ҷумла созмонҳои давлатҳои хориҷӣ, ба мисли USAID ва Иттиҳоди Аврупо. Донорони ба монанди Фонди Сорос, Барномаи рушди СММ (UNDP), Фонди глобалии СММ (UN

Global Fund), Бонки ҷаҳонӣ ва Дафтари Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) грантҳои хурд ё шартномаҳои хизматрасониро ба СҶШ барои корҳои вобаста ба ислоҳоти қонунгузорӣ, фаъолият барои тараққиёт ва анҷоми хизматрасонӣ ҷудо мекунанд. СҶШ барои пайдо кардани ақалан қисмати хурди маблағгузории муштарак ва пардохти пешакии ягон қисмати масрафҳои худ, ки шарту талаботи Иттиҳоди Аврупо ва дигар донорон мебошад, танқисии ҷиддӣ мекашанд.

Дастрасӣ ба имкониятҳои маблағгузории маҳаллӣ то ҳол барои дастгирии тамоми сектор нокофӣ аст. Дар соли 2014, Кумитаи давлатии кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии кор бо ҷавонон, варзиш ва туризми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ташабуссҳои занони соҳибкор ва ҷавонон ба миқдори умумии $230000 лоиҳаҳои хурдро маблағгузорӣ карданд. Ҳаҷми маблағгузории зерин дар чор соли охир бетағйир боқӣ мемонад. Кумитаи кор бо ҷавонон 17 грант, дар миқёси аз $1500 то $5000 ҷудо намуд. Илова ба ин, якчанд СҶШ-и Вилояти Бадахшон дар миқдори аз $3000 то $28000 аз тарафи Ҳукумати Вилоят барои барқарор кардани инфрасохтори маҳаллие, ки ба ҷавонон алоқаманд аст, грант гирифтанд. Дар соли 2014 ҳам мисли ин грантҳо аз тарафи ҳукуматҳои маҳаллии дигар ҷудо нашудааст. Фармоиши иҷтимоии давлатӣ танҳо аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ иҷро карда мешавад, ки барои нигоҳдории фаъолияти баъзе хонаҳои пиронсолон ва маъюбон равона шудааст ва аз Вазорати меҳнат, ки ин ӯҳдадориро дар соли 2013 ба зимма дошт, ба онҳо мерос мондааст.

Аксарияти СҶШ дар ҷамъоварии маблағ аз манбаҳои дохила, аз ҷумла соҳибкорон ва ҷомеа танқисӣ мекашанд. Аммо СҶШ, ки дар мавзеи деҳот фаъолият мебаранд, тавонистаанд аз ёрии ихтиёрон истифода карда, мушкилии дар сатҳи маҳал вуҷуддоштаро ҳал кунанд. Хайрияҳои индивидуалӣ ва корпоративӣ то ҳол мафҳуми аҳён ба назаррасанда аст. Дар айни замон намунаҳои ҷалби хайрияҳои алоҳида барои ташаббусҳои эҳсонкорӣ вомехӯранд. Омили ба чашмрасанда ин аст, ки бештари СҶШ барои ҷустуҷӯи манбаҳои имконпазири дохилии маблағгузорӣ, бар ивази донорони хориҷӣ, ҳатто кӯшиш ба харҷ намедиҳанд.

Танҳо якчанд СҶШ тавассути фурӯхтани хизматрасонӣ ва маҳсулоти худ маблағ ба даст меоранд. Хизматрасонии пулакӣ бо гузаронидани машварату тренингҳо маҳдуд аст. Аксарияти СҶШ имконот ва тавоноии бозоргир кардани хизматҳои худро надоранд.

СҶШ, ки аз тарафи донорони байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд, низоми дурусти идораи молиявиро соҳибанд. Аксари СҶШ то ҳол низоми идораи молиявии ба лоиҳа вобастакардашударо доранд ва мутассифона барномаи устувории молиявиро барои марҳилаи дароз надоранд. Шаффофияти молӣ дар СҶШ то ҳол чун масъалаи ҷиддӣ боқӣ мемонад. Аксари СҶШ аз ошкор кардани ҳисоботҳои молии худ худдорӣ мекунанд. Танҳо якчанд СҶШ-ҳои пешсаф, ба монанди Хазинаи Авросиё дар Осиёи Марказӣ, Фидокор, Қалам ва Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонун (BHR), аудитҳои мустақилро гузаронда, ҳисоботҳои молиявии худро дастраси ҳамагон мекунанд.

## ДИФОИ МАНФИАТҲО: 4.9



Фишор сари созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолияти онҳоро дар самти дифои манфиатҳо дар соли 2014 мушкилтар намуд. Алалхусус, лоиҳаҳои СҶШ-и байналмилалӣ ва ҷамъомадҳои СҶШ боиси ташвиши ҳукумат шуд. Шурӯъ аз моҳи июни соли 2014 мақомотҳои давлатӣ дархост карданд, то барои иштироки мақомотҳои дахлдори давлатӣ дар чорабиниҳои бо дастгирии созмонҳои хориҷӣ ташкил шуда, яъне конфронс, тренинг ва семинарҳо, тамоми чорабиниҳо пешакӣ бо Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Аз ин ҷост, ки гузаронидани фаъолияти ба дифои манфиатҳо равонашуда мушкилтар шуда, нақшагирии дақиқтар ва эҳтиёткориро минбаъд талаб мекунад. Дар айни замон талаботи зерин дар миқёси пойтахт амалӣ мешавад, лекин имкони паҳншавии таҷрибаи зерин ба маҳалҳо низ имконпазир аст.

СҶШ ҳангоми ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ дар сатҳи миллӣ мушкилиҳо дошта, дар сатҳи маҳал муносибат бо мақомотҳои маҳаллӣ беҳтар аст. Дар ҳоли ҳозир дар сатҳи миллӣ муошират миёни мақомотҳои давлатӣ ва СҶШ танҳо тавассути дархости расмӣ, яъне ба таври хаттӣ огоҳии пешакӣ мегузарад, дар минтақаҳо бошад чунин робита дар сатҳи гуфтушуниди рӯ ба рӯ, истифода аз шиносоии шахсии одамон бо мансабдорони қобилияти қарор қабулкунанда ба миён меояд. Қобили зикр ин аст, ки шӯроҳои ҷамъиятӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ саҳнаи воқеӣ нестанд, чунки намунаи қабули тавсияҳои СҶШ аз тарафи мақомотҳои давлатӣ хеле аҳён вомехӯранд.

Дар соли 2014, MSDSP силсилаи тренингҳоро барои мансабдорони давлатӣ доир ба тарзи самараноки ҳамкорӣ бо СҶШ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба анҷом расонид. Ҳукумати вилоят аз СҶШ дархост намуд, то СҶШ ба комиссияи тафтишоти қонунвайронкунии моҳи май бипайванданд.

СҶШ қобилияти ба фаъолияти дифои манфиатҳо ҷалб шуданро доранд, вале ин таҷриба то ҳол дар онҳо инкишоф наёфтааст. Умуман, танҳо СҶШ нисбатан бузург ва коалитсияҳо имкони ҷалб кардани диққати ҳукуматдоронро ба масъалаҳои муайян доранд. Гурӯҳи ғайрирасмии Ампаро тавонист диққати ҳамагонро ба масъалаи тартиби ҷалбшавии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар соли 2014 ҷалб кунад. Дар натиҷа, ҳукумат барои беҳтар кардани сифати муоинаи тиббии ҷавонони ба хизмати ҳарби ҷалбшаванда, чораандешӣ намуд.

Бештари коалитсияҳо фаъолияти худро давом дода истодаанд, аммо баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои дар низомномаашон зикргардидаро ба канор мегузоранд. Аксаран ба мавзӯъҳое диққат медиҳанд, ки аҳамияти бештар ва афзалтар барои донорони хориҷӣ ва ҳукумат аст. Коалитсияи СҶШ “Шаффофият барои рушд” бо Вазорати молия ҳамкории наздикро дар масъалаи таҳияи лоиҳаи Қонун “Дар бораи истифодаи канданиҳои фоиданок”, дар чорчӯбаи барномаи Бонки ҷаҳонӣ оид ба Ташабусси Шаффофият дар Саноати Истихроҷи Канданиҳо (EITI), ба роҳ мондааст. Ассотсиатсияи нави миллии волонтерон аз 117 ташкилоти давлативу ғайридавлатӣ иборат буда, бо Кумитаи кор бо ҷавонон дар бобати пешбурди сиёсати давлат оид ба инкишофи ҷавонон фаъолият мекунад ва дар амалисозии Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти волонтерӣ” саҳми арзанда мегузорад. Сарфи назар аз ин комёбиҳо, СҶШ ҳангоми амалисозии ташабуссҳои дифои манфиатҳо ба муқовимати давлатӣ рӯ ба рӯ мешавад ва сабаби он омода набудани ҳукумат барои пазируфтани нуқтаи назари СҶШ ва набудани дониши муккамал миёни СҶШ ва истифода набурдани усулҳои пурсамар барои дифои манфиатҳои хеш аст.

СҶШ ба таври васеъ аз манбаъҳои интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, барои кӯшишҳои дифои манфиатҳо истифода мекунанд. Аз рӯи ҳисоби тахминӣ, қариб як миллион шаҳрванди Тоҷикистон шабакаҳои иҷтимоии мисли Facebook ва Odnoklassniki-ро ҳамарӯза барои муқокимаҳои масъалаҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ истифода мекунанд. Аммо қатъ кардани дастрасӣ ба васоити ахбори иҷтимоӣ ва саҳифаҳои интернетии хабарие, ки фаъолияти ҳукуматро зери танқид қарор медиҳанд, таҷрибаи давомноки ҳукумат дар соли 2014 шудааст.

# ХИЗМАТРАСОНИҲО: 4.4




Савияи хизматрасонии СҶШ дар соли чорӣ бетағйир, тавре ки соли 2013 буд, боқӣ мондааст. СҶШ бештар хизматҳои иҷтимоӣ ва омӯзишӣ мерасонанд ва танҳо якчанд созмон фаъолияти худро дар самти масъалаҳои энергетикӣ, обёрӣ ва иқтисодӣ ба роҳ мондаанд. Бо вуҷуди он ки баъзе СҶШ барномаашонро дар асоси таҳлили эҳтиёҷоти гурӯҳҳои бархӯрдорашон таҳия мекунанд, лекин то ҳол ин таҷрибаро миёни СҶШ Тоҷикистон ба таври васеъ истифодашаванда номидан мумкин нест.

СҶШ бештар ба гурӯҳҳои осебпазир, ба мисоли ҷабрдидагон, занҳои бекор, истеъмолкунандагони маводи мухаддир ва маъюбон хизмат мерасонанд, вале то ҳол онро хизматрасонии устуворона номидан мумкин нест. Арзиши хизматрасонии зерин ниҳоят баланд аст ва донорон ягона манбаъи дастгирии чунин хизматрасонӣ боқӣ мемонанд. Таъмини кӯмак бо мурури ба охир расидани лоиҳа ё барнома низ ба поён мерасад. Сатҳ ва дастрасӣ ба чунин ёрӣ, вобаста аз минтақаи мамлакат фарқ мекунад ва дар баъзе ноҳияҳо онҳо умуман каманд. Ташкилотҳои деҳотӣ (VOs) ва Иттиҳодҳои иҷтимоӣ барои рушди ташкилотҳои деҳотӣ (SUDVOs), ки аз тарафи Фонди Рушди Оғохон дастгирӣ карда мешаванд ба мардуми маҳал барои баррасии масъалаҳои мубрами маҳал кӯмак мерасонанд.

Ҷомеа дар навбати худ интизор аст, ки хизматрасонии СҶШ ройгон аст ва бар ивази чунин хизмат одати маблағ доданро надоранд. Танҳо якчанд СҶШ барои хизматҳои машваратӣ, омӯзишӣ, таҳияи бизнес-нақшаҳо ва стратегияҳо, курсҳои омӯзиши забони англисӣ ва компютерӣ ҳаққи хизматашонро меситонанд. Танҳо ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ, ки дар асоси аъзогӣ фаъолият мекунанд, ба мисоли Палатаи тиҷоратии Амрико дар Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии соҳибкорони хурду миёна ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои қарзии хурди Тоҷикистон ба аъзоёнашон барои мустаҳкамтар кардани иқтидори онҳо барномаҳои омӯзишӣ ва дигар намуди хизматрасониро пешниҳод менамоянд.

То ҳол ба аксарияти созмонҳо аз шартномаҳои давлатӣ бархӯрдор шудан имконнопазир аст ва СҶШ кӯшиш мекунанд аз чунин шартномаҳо канорачӯӣ кунанд, зеро аз тафтишот пас аз иҷроиш ҳаррос доранд. Мақомотҳои давлатӣ дар чорчӯбаи барномаҳои аз тарафи институтҳои молии хориҷӣ дастгиришаванда, ки талаботи ҷалби СҶШ пешбинӣ шудааст, аз хизматҳои СҶШ барои қонеъ кардани эҳтиёҷот доир ба мустаҳкам кардани иқтидор, баҳогузорӣ, омӯзишу таҳлил ва дигар намуди хизматрасониҳо истифода мекунанд.

# ИНФРАСОХТОР: 4.6




Аз ҳафт Маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ (CSSCs), ки бо ташабусс ва дастгирии USAID пеш фаъолият мекарданд, панҷ-тояш то ҳол фаъолият мекунанд. Фидокор ва Қалам соҳиби имконоту таҷҳизоти зарурӣ барои ба таври мунтазам гузаронидани барномаҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани малакаю дониши созмонҳои ҷамъиятии навтаъсис ва ҳатто ташкилотҳои таҷрибадор хизмат мерасонанд. Се маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Рашт, Кӯлоб ва Панҷакент нисбатан дастрасии камтар ба манбаъҳо дошта, хизмати худро бо расонидани имконоти кор бо техника ва иттилоот ва пешниҳоди машварату маслиҳатҳо доир ба масъалаҳои начандон мураккаб ва барномаҳои омӯзишӣ барои СҶШ навтаъсис маҳдуд мекунанд. СҶШ ботаҷриба, ба мисоли АНТИ, Бонувони фардо, Чашма, Манижа, Рушд ва Хазинаи Авросиё дар Осиёи Марказӣ ҳамчун манбаъ хизмат мекунанд.

Бо вуҷуди дастрасии омӯзгорони пуртаҷрибаву малакадор, на ҳамаи СҶШ имконоти ҷалби мутахассисони ин савияро соҳиб ҳастанд. СҶШ таҷрибадор низ ба беҳтар кардани савияи дониш ва қобилиятнокии ташкилоташон дар масъалаҳои банақшагирии стратегӣ, идораи молиявӣ, ҷустуҷӯи маблағ, шарикии байнисекторӣ, дифои манфиатҳо ва муошират эҳтиёҷ доранд. Айни замон, СҶШ навтаъсис аз набудани барномаҳои омӯзишии мунтазам, машварату маслиҳатҳои коршиносон ва дастрасӣ ба иттилоот бо мақсади роҳёбӣ ба манбаъҳои фаъолият танқисӣ мекашанд.

Як қатор ташкилотҳо барномаҳои рушди иқтидори созмонҳои ҷамъиятиро амалӣ месозанд. Созмони Фидокор аз зумраи чунин ташкилотҳо дар вилояти Хатлон аст. Counterpart International дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон кор мебарад. Барномаҳои MSDSP дар навбати худ Бадахшон, водии Рашт, ҳафт ноҳияи вилояти Хатлон ва ҳашт ноҳияи вилояти Суғдро фаро мегиранд. Барои мисол, дар вилояти Хатлон ҳаждаҳ ташкилоти ҷамъиятӣ дар барномаи беҳтар кардани таҷрибаву малакаи ташкилотӣ, ки аз тарафи созмони Фидокор дар чорчӯбаи лоиҳаи USAID амалӣ шуд, иштирок карданд. Барои бартараф кардани норасоиҳои ташкилотӣ, онҳо муоинаи ҳуқуқӣ ва аудити ташкилотии созмонҳои ҷамъиятиро гузаронданд. Дар умум, имкониятҳои дастрасбуда, аз ҷумла имкониятҳои молиявӣ эҳтиёҷоти ташкилотҳои ҷавонон ва дигар СҶШ қонеъ гардонида наметавонанд, зеро онҳо ба дастгирии бештари техникӣ, омӯзишӣ ва грантӣ ниёз доранд. Бояд қайд кард, ки шумораи созмонҳои ҷамъиятӣ дар минтақаву деҳот босуръат зиёд шуда истодааст ва ҳамаи онҳо бо забони тоҷикӣ маълумоти пешниҳодшударо қабул мекунанд. Аз ин лиҳоз зарурат ба фароҳам овардани дастрасӣ ба дастурамалу маводҳо бо забони тоҷикӣ дар хусуси идораи самаранок ва пешбурди фаъолияти ташкилот зиёд аст.

Шумораи ташкилотҳои грантдиҳандаи маҳаллӣ маҳдуд аст. Танҳо якчанд созмони пешсаф, ба мисли Фидокор, Хазинаи Авросиёи Осиёи Марказӣ ва MSDSP аз ташкилотҳои монанди USAID, Иттиҳоди Аврупо, Вазорати корҳои хориҷии Зеландияи Нав, UNDEF, Лоиҳаи Ҷаҳонии Адолат ва Фонди рушди Оғохон грант гирифта, ба созмонҳои ҷамъиятӣ маблағ ҷудо мекунанд. Тахминан то даҳ СҶШ пешсаф дар ҳаҷми то $1500 ба СҶШ дигар бо мақсади дастгирии молиявии онҳо маблағ ҷудо мекунанд.

Ба вуҷуди номунтазамии дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ, бинобар зуд-зуд баста шудани онҳо, СҶШ саъю кӯшиши хешро ба тарзи васеъ истифода кардани шабакаҳои иҷтимоӣ баҳри ташкили коалитсияҳо ва ассотсиатсияҳо равона кардаанд. Аксарияти коалитсияҳо дар пойтахт фаъолият дошта, мавзӯҳои гендер, васоити ахбори омма, ҳуқуқи кӯдакон, ҳуқуқи инсон, масъалаҳои экологӣ, омӯзиши калонсолон, ҷавонон, қарздиҳии хурд, рушди тиҷорат ва шаффофиятро фаро мегиранд. Барои паҳн намудани маълумот оид ба натиҷаҳо ва пешравиҳо дар байни СҶШ милливу деҳотӣ онҳо ба гурӯҳҳои истифодабарандагони нишонии электронӣ рӯ меоранд. Шабакаи фаъолтарин дар соли 2014, Ассотсиатсияи миллии волонтёрони Тоҷикистон буд, ки барои гузаронидани Форуми ҳафтуми СҒД ҷавонон 117 ташкилоти соҳавиро, барои пешбарии мавзӯи волонтёрӣ дар Тоҷикистон ба ҳам муттаҳид кард.

Шарикии байнисекторӣ бо суръати суст инкишоф меёбад. Коалитсияи СҶШ "Шаффофият барои рушд" ҳамкории худро бо Вазорати молияи ҶТ ва соҳибкорони бахши истихроҷи саноатии канданиҳо дар таҳияи лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи истифодаи канданиҳои фоиданок", дар ҳамкорӣ бо Ташабусси Шаффофият дар Саноати Истихроҷи Канданиҳо (EITI) давом дода истодааст. Ассотсиатсияи миллии ТҒД Тоҷикистон, силсилаи мизҳои мудавварро бо иштироки ҳизбҳои сиёсӣ барои муайян кардани афзалиятҳои шарикии иҷтимоӣ гузаронд.

## НУФУЗИ ҶАМЪИЯТӢ: 4.5




Бинобар бӯҳрони сиёсӣ дар Украина, СҶШ аз тарафи ҳукумат ҳамчун гурӯҳи манфиатҳои сиёсидошта ва қувваи пешбарандаи инқилобӣ пазируфта мешавад. Пас аз воқеаҳо ва намоишҳои моҳи май дар Бадахшон, мақомотҳои давлатӣ назорати давлатиро сари фаъолияти СҶШ пурзӯртар карданд, алалхусус раванди омодагӣ ба интихоботи парлумонии соли 2015 нишон дод, ки сатҳи ҳамдигарфаҳмии ҳукумат ва СҶШ поён рафтааст.

Бинобар назорат ва дахолати давлатӣ ба фаъолияти васоити ахбори омма таваҷҷуҳи охирин низ ба фаъолияти СҶШ кам шуд. Зиёда аз ин, норасоии малакаи тадқиқоти журналистӣ ва таҷриба доир ба фарогирии фаъолияти СҶШ, кӯшиши СҶШ-ро барои ҷалби диққати ВАО ба фаъолияти худ, боз ҳам мушкилтар мекунад.

Якчанд СҶШ фаъолияти худро дар самти нашри рӯзномаву варақаҳои иттилоотӣ барои баррасии фаъолияти СҶШ ба роҳ мондаанд. Варақаи иттилоотии "Ҳамкорӣ" (нашрияи Фидокор, аз соли 2013 шурӯъ шудааст) ва рӯзномаи "Импулс" (нашрияи Қалам) дар бораи фаъолияти СҶШ маводу мақолаҳо чоп карда, дар зиёд кардани нуфузи СҶШ миёни ҷамъият саҳм мегузоранд.

Ширкатҳои калон ба СҶШ ба таври ҷиддӣ аҳамият намедиҳанд ва аз ин хотир онҳоро чун шарики худ ё гирандаи маблағҳои хайриявӣ қабул надоранд. Ширкатҳои хурду миёна бошанд имконияти инкишоф додани муносибати судманди мутақобил бо СҶШ надоранд.

Огоҳии ҷамъиятӣ доир ба фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи паст боқӣ мемонад. Гурӯҳҳои мақсаднок ва шарикон аз ҳамкориву кӯмаки СҶШ миннатдоранд, аммо ҷамъият дар бораи фаъолияти онҳо маълумоти бештар пайдо карда наметавонад. Ҷомеаи дар деҳот умр ба сар мебурда, то ҳол фаҳмиши аниқ доир ба нақши СҶШ дар ҷамъиятро надоранд, бо вуҷуди он ки роҳбарони СҶШ ҳамчун шахсони бонуфузи ин маҳаллҳо шиноста шудаанд ва ҷомеаи маҳаллӣ аз истифодаи хизматрасонии ройгони СҶШ бо хурсандӣ истифода мекунад. Бинобар набудани шаффофият дар фаъолияташон, ҷомеаи дар шаҳрҳо истиқоматкунанда СҶШ ба "хурандаҳои грантҳо" шабоҳат медиҳанд. Бинобар диққати махсус ба фаъолияти СҶШ дар давоми соли 2014, бештари СҶШ аз паҳннамоии мавод дар бораи фаъолияташон канорачӯӣ карданд ва ҳамин тариқ дар ҷамъият чандон намоён набуданд.

Танҳо якчанд СҶШ-и пешсаф ҳисоботи солонаро нашр мекунанд, вале СҶШ бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ барои паҳн намудани маълумот дар бораи дастовардҳояшон истифода мекунанд. Барои мисол, роҳбарони 900 СҶШ бо мубодилаи маълумот, расонидани иттилоот, паҳнкунии реклама ва ахборот дар баҳсу мунозираҳо дар гурӯҳи ташкилотҳои ҷамъяти дар сомонаи интернетии Facebook (www.facebook.com/groups/tajikngo/) иштирок мекунанд. Сомонаҳои интернетии СҶШ Тоҷикистон (www.tajikngo.tj) ва Ассотсиатсияи миллии ТҒД Тоҷикистон (www.cso.tj) низ ҳамчун манбаъ барои СҶШ тоҷикистонӣ хизмат мекунанд.

Кодекси этикии ТҒД дар байни хориҷиён ва маҳаллиён чандон дастгирӣ наёфт, зеро он соли 2008 таҳия шуда буд. Маҷмӯи қоидаҳои этикӣ принсипҳои заминавии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро муайян мекунад. Аз соли таҳия шуданаш ба он тағйирот ворид нашудааст ва он дигар шаклҳои СҶШ-ро дар бар намегирад.

Индекси устувории созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (CSOSI) воситаи муҳими таҳлили пешрафти сектори ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, инчунин минтақаи АврОсиё маҳсуб меёбад. Тӯли ҳаждаҳ соли охир Индекси зерин дар бисту нуҳ кишвари дунё пешрафти сектори шаҳрвандиро пайгирӣ мекунад. Индекс фазои вуҷуддоштаро аз назари фазои ҳуқуқӣ, сатҳи тавоноии ташкилотӣ, имконоти молиявӣ, дифои манфиатҳо, хизматрасонӣ, инфрасохтор ва нуфуз дар ҷомеа месанҷад. Комёбӣ аз рӯи ҷадвали ҳафтбалла баҳогузорӣ мешавад, ки 1 меъёрӣ пешравӣ ва 7 сатҳи поинтарини тараққиётро инъикос мекунад. Индекс аз тарафи Агентии Иёлоти Амрико оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) дар ҳамкорӣ бо созмонҳои маҳаллии ҳар як кишвари санҷидашаванда таҳия шудааст.

Барои маълумоти бештар лутфан бо ТҶ «Маркази рушди мунисипалӣ» бо суроғаи cmdtajikistan@gmail.com дар тамос бошед.

Нашри англисии Индекси устувории созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, инчунин минтақаи АврОсиё барои соли 2014-ро дар сомонаи зерин пайдо кардан мумкин аст: http://www.usaid.gov/europe-eurasia-civil-society